# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 06 декабри соли 2025, №84**

**Дар бораи сазовор донистани Насриддинзода Сайфиддин Насриддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 20-уми сентябри соли 2025, №78 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Насриддинзода Сайфиддин Насриддин 27-уми марти соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2012 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст.

Аз соли 2018 ба ҳайси котиби садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти худро шӯруъ кардаст. Ҳамзамон аз 19-уми сентябри соли 2024 то инҷониб дар вазифаи лаборанти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият мекунад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 4 апрели соли 2025 №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Холиқзода Ш.Л. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**- Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**- Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Заробидинзода С.З. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Аҳёзода Ш.Т. дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва котиби ҷаласа Анвариён Ш.Ш. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники муалими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р., дар санаи 30.10.2025 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардид. Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниходҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Қурбонов, С.Н. Масоили муайн кардани объекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (27). – С. 294-304; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Қурбонов, С.Н. Аломатҳои иловагии тарафи объективии Сироят кардан бо вируси норасоии масъунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – № 3 (51). – С. 145-150; ISSN 2305-0535

**[3-М].** Қурбонов, С.Н. Субъекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №2 – С. 266-271; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Қурбонов, С.Н., Холиқзода Ш.Л. Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов, Ш.Л. Холиқзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №5 – С. 266-271; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмиӣ, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Қурбонов, С.Н. Масоили объекти ҷинояти гирифтор кардан ба вируси норасоии масунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 340-348.

**[6-М].** Қурбонов, С.Н. Тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа [Матн] / С.Н. Қурбонов // Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ (22 июни соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Полиграфияи «Ватан Принт», 2024. – С. 265-270.

**[7-М].** Қурбонов, С.Н. Инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масъунияти одам [Матн] / С.Н. Қурбонов // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 538-548.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Буризода Э.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Раҳмон Д.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе.

**Қодирзода Д.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар пешниҳоди 4 муаллиф баён медорад, ки тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қ. 2 м.125 КҶ ҶТ тавассути гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётии худбоварона ифода меёбад (саҳ.10). Бо чунин андеша ба пуррагӣ розӣ будан мушкил аст. Зеро, мутобиқи қ.2 м.27 КҶ "Кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад", вале дар диспозитсияи қ.2 м.125 КҶ ҶТ ҷой доштани шакли гуноҳи беэҳтиётӣ бевосита муқаррар нашудааст. Вобаста ба ин, чунин андешаи муаллиф асоснок шуморида намешавад.

2. Дар автореферат бештар ба таҷрибаи кишварҳои пасошуравӣ такя шудааст, вале таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва ИМА, ки таҷрибаи бойтар доранд, ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст.

3. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки ба моддаи 125 КҶ ҶТ ҳамчун аломати вазнинкунанда ҳолати таҳти хатари сироят қарор додани ду ё зиёда шахс дохил карда шавад. Бо вуҷуди ин, саволе ба миён меояд: бидуни чунин меъёри махсус ҳам, магар қонун имкон намедиҳад, ки шахс барои сирояткунонии якчанд нафар ба ҷавобгарӣ кашида шавад (масалан, бо татбиқи маҷмӯи ҷиноятҳо)? Муаллиф чи гуна зарурати ворид намудани ин тағйиротро асоснок мекунад ва оё омори мавҷуда зарурати чунин меъёрро тасдиқ менамояд? Дар робита ба ин, мехостем муаллиф ҳангоми муҳокимаи диссертатсия ба таври муфассал зарурати ворид намудани ин тағйиротро асоснок намуда, шарҳ диҳад, ки оё маълумоти омории мавҷуда зарурати қабули чунин меъёрро тасдиқ мекунад ё на.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст;

- **пешниҳод шудааст:** Сатҳи мутахассисони соҳаи тиб дар самти ошкор ва табобати бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО, баланд бардошта шавад. Инчунин аз ҷониби мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад, то шаҳрвандон дар мавриди зарурат ба марказҳо ва мақомоти дахлдор сари вақт муроҷиат намоянд.

Илова бар ин, сабти ҳатмии шахсони гирифтори ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, рӯйхати онҳо мунтазам ба мақомоти ҳуқуқӣ пешниҳод гардад. Дар ҳолатҳои сирояти оилавӣ марказҳои дахлдор вазифадор карда шаванд, ки ҳамсарони гирифтори ВНМО-ро якҷоя ва дар як вақт огоҳ намоянд ва ба онҳо маълумоти зарурии тиббӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод кунанд;

**- исбот шудааст:** Сироят кардани ду ё зиёда шахс ҳамчун ҷинояти анҷомёфта аз он лаҳза ҳисобида мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи ба синни балоғатрасида вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашавандаи барои ҳаёт хавфнок муайян карда мешавад. Ин ҳолат мустақилона танҳо дар сурате татбиқ мегардад, ки ҳамаи ҷабрдидагон шахсони ба синни балоғатрасида бошанд;

**- ҷорӣ намудан:** Маънидоднамоии аломати ноболиғ будани ҷабрдида дар заминаи м. 125 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки сухан дар бораи донистани “баръало” ноболиғбудани ҷабрдида меравад. Бинобар, ин дар чунин маврид дарки синну соли ҷабрдида тавассути қасди бавосита ё беэҳтиётӣ тавсиф шуда наметавонад. Гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита амал намуда, ноболиғ будани ҷабрдидаро баръало дарк месозад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашударо дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии мушкилот вобаста ба ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам метавон истифода кард. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ, омӯзиши мавзуъҳои алоҳидаи фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи инсон, криминология ва курсҳои махсуси соҳавӣ, инчунин дар фаъолияти Вазорати корҳои дохилии ҶТ ва Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ва мақомоти тандурустӣ ва дигар мақомоту муассисаҳои соҳаи тандурустӣ метавонанд истифода карда шаванд. Ҳамчунин, маводи

таҳқиқот барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳад буд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курси махсуси «Таъини ҷазо» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки дар кори илмӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

- **баён шудани** таҳлили таърихии қонунгузорӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноят пешниҳод гардида, таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории дигар давлатҳои пасошуравӣ гузаронида .шудааст, ки дар натиҷа умумият ва фарқиятҳои асосии онҳо муайян карда шудаанд. Муаллиф дар заминаи таҳлили гузаронидашуда як қатор чораҳои мушаххасро барои такмили моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, зарурати ворид кардани эзоҳи махсусро асоснок намудааст. Ҳамчунин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба таҳрири тағйири мушаххаси санксияҳои меъёри ҷиноятӣ дар ин самт чораандешӣ карда шавад.

- **ошкор гардидани** он ки бандубаст кардани кирдор тибқи қисми 1 моддаи 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шакли қасди бавосита ё аз беэҳтиётӣ қобили қабул нест. Қасди бавосита танҳо дар ҷиноятҳое, ки таркиби моддӣ доранд, имконпазир мебошад. Аммо, қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ мебошад, яъне танҳо содир намудани кирдор ҳамчун аломати асосӣ ба ҳисоб меравад, ки ин ҳолат имконияти мавҷуд будани қасди бавоситаро истисно мекунад.

- **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҷрибаи судӣ вобаста ба сироят ба беморӣ ВНМО.

- **аз нав такмил додани:** Меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муккамал намудани қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводди методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки дар тачрибаи суди зери хавфи сироят ба бемории ВНМО гузоштани як нафар ва зиёда аз он танҳо мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳол он ки ба андешаи мо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳо, ки нисбати шумораи зиёди ҷабрдидагон содир шудааст, баландтар мебошад. Вобаста ба ин пешниҳод мешавад, ки дар м.125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда – таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани ду ва ё зиёда шахсон мустаҳкам карда шавад.

- **офарида шуд**: Ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки ба б. 14 Қарори мазкур тағйир дода шуда дар он тавзеҳоти зерин муқарррар гардад:

"Ҷиноятҳои пешбинишуда дар б "г" қ. 3 м.138 ва б "б" қ.3 м.139 КҶ ҶТ сирояти ВНМО, ки дар натиҷаи таҷовуз ба номус ё дигар ҳаракатҳои зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба вуҷуд омадаро дар бар мегиранд. Танҳо таҳти хавфи сирояти ВНМО қарор додани ҷабрдида вобаста ба б "г" қ. 3 м.138 ва б "б" қ.3 м.139 КҶ ҶТ банду баст карда намешавад. Чунин кирдор бояд тибқи маҷмуи ҷиноятҳои пешбинишуда дар қисмҳои дахлдори м.м. 138 ё 139 ва қ. 1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст шавад".

- **муаррифӣ карда шуд**: Дар таҳқиқот ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоисавӣ, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, қонуниятҳои пайдоиш ва рушди он муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнок шароити баррасии ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷавобгариро барои ин ҷиноят пешбинӣ менамоянд, ҳамчун низоми ягонаи санадҳои ҳуқуқии дорои мақсад, мафҳум ва мантиқи дохилии алоқаманд фароҳам овард.

- **асоснок шудааст**, ки ба сифати объекти хелии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам – шахсият баромад менамояд, ки зери он инсон дар низоми нақшҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Объекти намудии ҷиноятҳои сироят кардан ба ВНМО на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсон мебошад. Азбаски саломатии инсон дар ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бо ҳаёти ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ҷудо намудани онҳо ҳамчун объекти асосӣ ва иловагӣ мувофиқи мақсад намебошад. Ҳам ҳаёт ва ҳам саломатӣ ба сифати объекти асосӣ баромад мекунанд;

- **истифода шудаанд:** Меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам пешбинӣ мекунанд; меъёрҳои қонунгузории тандурустӣ, ки ҷавобгариро барои вайронкунии

меъёрҳо вобаста ба иҷрои номатлуби вазифаи касбӣ аз ҷониби кормандони тиб бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон муқаррар мекунанд; маводди парвандаҳои ҷиноятӣ аз бойгонӣ, ки аз ҷониби судҳои ҶТ баррасӣ гардидаанд ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқию тафтишӣ;

- **муайян шудаанд:** Пайдоиши ВНМО дар таърих ба номҳои гуногун "бемории сифилис" "бемориҳои зуҳравӣ" "бемориҳои гонорея" дида мешуд, аммо умумияти онҳо танҳо бо он дида мешуд, ки ин бемориҳо бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаштанд ва бемории сироятии ВНМО-ро низ дар бар мегирифтанд.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мадолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 06 декабри июни соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**06 декабри соли 2025**